# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзӯи “Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норсасоии захираҳои молиявӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 Молия (6D050901-Молия, муомилоти пул ва қарз)**

Дар шароити зудтағйирёбии муносибатҳои сиёсиву иқтисодӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ аз ташкилотҳои молиявию қарзӣ талаб карда мешавад, ки ба ингуна равандҳои зудтағйирёбанда омода буда, дар раванди ҷаҳонишавии муносибатҳои молиявию иқтисодӣ ҳамроҳ бошанд. Дар самти мазкур, бонкҳои тиҷоратӣ танҳо бо роҳи таъмин намудани устувории фаъолияти худ метавонанд ба ингуна тағйирёбиҳо муқобилияти нишон дода, дар ҳама ҳолат фаъолияти молиявии худро идома дода, тамоми бахшҳои фаъолияти худро такмил диҳанд. Дар ин замина бояд қайд, ки шакл ва таснифоти устуворӣ барои бонкҳои тиҷорати муайян карда шаванд. Зеро дар илми иқтисод даҳҳо шаклҳои устуворӣ мавҷуд мебошад. Яке аз муҳимтаринаш, ки бонкҳои тиҷорати бояд устувори бошанд ин устувории молиявӣ, иттилоотӣ ва кадрӣ мебошад. Дар замони гузариш ба иқтисоди рақамӣ устувории воситаҳои инноватсионию рақамӣ фаъолияти бонкҳоро ба сатҳи нави рушд мебарад.

Дар автореферат оварда шудааст, ки “устувории бонки тиҷоратӣ - қобилияти он барои нигоҳ доштани ҳолати ноилгардидаи мувозинати худ дар муддати вақти нисбатан тӯлонӣ бо таъсири шароити тағйирёбандаи муҳити дохилӣ ва берунӣ мебошад”. Ҳамчунин, шаклҳои гуногуни устувори шарҳ дода шуда, диққати махсус ба устувории молиявии бонкҳо нигаронида шудааст. Захираҳои молиявии бонкро муаллиф омӯхта, иброз менамояд, бонк бо роҳандозии ҳаракати озоди пул, тавассути истифодаи самараноки онҳо қодир аст, ки раванди беисти пешбурди фаъолияти иқтисодии худро таъмин кунад. Асоси муайян кардани устувории молиявии бонки тиҷоратӣ маҳакҳои вазъи сармояи худӣ, фоиданокӣ, сифати дороиҳо, кифоятии захираҳо, менеҷменти бонк баромад мекунанд.

Тавре, ки аз автореферат дида мешавад, муаллиф устувории бонкҳои тиҷоратиро дар шароити норасосии захираҳои молиявии онҳо мавриди таҳлил қарор дода, чанде аз натиҷаҳои илмии мушаххас ҳам пешниҳод намудааст. Дар ин маврид бояд қайд кард, ки захираҳои молиявӣ барои бонкҳои яке аз захираҳои муҳим мебошанд, ки асоси фаъолияти онҳоро нишон медиҳанд. Яке аз сабабҳои норасо будани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мавҷуд набудани сарчашмаҳои дохили мебошанд, ки бонкҳои кишвар, бештари захираҳои молиявии худро аз донорҳои молиявии беруна дастрас менамоянд. Ин сабаби гарон будани арзиш ва нархи хизматрасониҳои қарзии бонкҳо гардида, дар таъмини устувории молиявии бонкҳо як кам муаммоҳоро ба вуҷуд ҳам меорад, ки бояд сари масъалаи мазкур Бонки милли Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарури андешад.

Аз таҳлили автореферат маълум гардид, ки диссертатсияи Ҳаёзода Қ.А. дар сатҳи баланди илмӣ дода шудааст. Вобаста ба масъалаи мазкур бояд қайд кард, ки муаллиф дар таҳлили омилҳои таъсиррасон ба устувории бонкҳо саҳми назррас дорад, ки онҳоро ба ду гурӯҳи калон бо таснифоти васеъ пешниҳод намуда, омӯхтааст (с. 11). Ҳамчунин, пӯёи ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт омӯхта шудааст (с. 13), ки яке аз нишондиҳандаҳои муҳими устувории бонкҳо ба ҳисоб меравад. Аз таҳлилҳое, ки дар автореферат оварда шудаанд, муайян карда мешавад, ки ҳаҷми қарздиҳии низоми бонки ба соҳаҳои иқтисодиёт масири афзоишро касб намудаанд, ки ин устувории молиявии онҳоро таъмин менамояд.

Саҳми муҳим ва дигари муаллиф дар таҳкими нишондищандаҳои асосии устувории молиявии низоми бонкии кишвар арзёбӣ мегардад, ки дар автореферат дар Ҷадвали 2, таҳлили кифоятии сармоя, кифоятиии сармояи асосӣ, пардохтпазирии ҷорӣ, даромаднакоии дороиҳо ва даромаднокии сармоя барои соли 2023 гузаорида шудааст (с. 15).

Методикаи ҳисобкунӣ ва арзёбии молиявии бонкҳои кишвар дар бештар маврид аз тарафи БМТ гузаронида мешавад. Вобаста ба ҳолати мазкур, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба мақсади гузаронидани таҳлилҳо ва омӯзишҳои боэътимоди устувории молиявии бонк, бояд якчанд услуҳои истифода шаванд, масалан, ҳамҷоягии усулҳои коэффитсиентӣ рейтингӣ бо мақсади ошкор кардани самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани устувории молиявӣ. Пешниҳоди маҳкур аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро боло мебарад.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферат баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки онро ҳамчун эрод бояд қайд намоем, зеро муаллиф усулҳои гуногуни ҳисобкунии уствории молиявиро пешниҳод намудааст, вале дар автореферат бо истифода аз онҳо ягон таҳлил вуҷуд надорад.

Камбудӣ ва норасои дар боло қайд карда шуда, ҳамчун пешниҳод барои хуб ва васеъ шудани таҳқиқот оварда шуда, онҳоислоҳшаванда мебошанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Бояд қайд намуд, ки ин камбуди ба мазмуни асосии рисолаи илмӣ монеа шуда наметавонанд. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯъ, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботҳои б. 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тахти рақами 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Ҳаёзода Қ.А., сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 Молия, (6D050901-Молия, муомилоти пул ва қарз) мебошад.

**Муқарриз:**
**н.и.и. дотсенти**
**кафедраи молия ва андозӣ**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров”** **Бобоев Н.М.**

Имзои Бобоев Н.М. - ро тасдиқ менамоям:
**Сардори раёсати кадрҳои ва корҳои махсуси**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров”** **З.С. Сайдуллозода**

**01.03.2025**

**(Суроға: 735700, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои таълимии 2, ауд. 411, Тел: (+992) 92-804-16-16, E-mail: aspirant-2012@mail.ru)**